1. Ознакомление студентов с психолого-педагогическими и физическими аспектами нравственности является необходимым компонентом содержания образования психолого-педагогического преподавания.
2. Несмотря на важность ознакомления студентов с научными основами нравственности, этим вопросам не уделяется должного внимания, в процессе преподавания на первом курсе они не нашли должного отражения в учебных пособиях и учебниках по гуманитарным дисциплинам.
3. Ныне разрабатываемая учебная программа на основании предложенных правительством задач уделяется должное внимание вопросам знаний о нравственности в преподавании.
4. Логика учебного предмета приознакомлении с аксиологией и нравственностьюне нарушается, расход времени при этом не увеличивается.
5. Для ознакомления с понятием нравственности используются разнообразные прямые, косвенные пути и средства. Технологии обучения их сочетания остаются такими же, как и при изучении психолого-педагогического и физического материала. Все это не вызывает затруднений в работе преподавания.
6. Самостоятельность студентов в овладении знаниями о нравственности помимо лекционных занятий используется в учебных конференциях, семинарах и нетрадиционных формах учебных занятий (интерактивных и др.).
7. Изучение основ нравственности показывает, что приреализации этого понятия происходит расширение кругозора ивысокий уровень нравственности обучаемых.
8. Ознакомление учащихся с основами нравственных знаний способствует повышению интереса студентов к нравам предшествующих поколений

Мировоззренческие воззрения ученых-естествоиспытателей средневековой Средней Азии являются наиболее значимыми для воспитания подрастающею поколения. Нравственная ценность их ориентации, состоящая из трудолюбия, порядочности, предприимчивости, честности, чувства долга, толерантности, которая является ценной, и должна обязательно внедряться в практику преподавания гуманитарных и естественных предметов в системе образования. В исследовании, определяя мировоззренческие воззрения, особо уделяется внимание важности формирования понятия «мораль».

Происходящее от латинского слова «mor» на русском языке означает «нрав», от слова «mor» следует производное «moris» - относящееся к «нравам, нравственности», которое анализируется, начиная из древности, средневековья и современности. В период средневековья формирование нравственности и гуманных качеств исходят из отношения родителей, совместная деятельность в процессе общения, семейные традиции являются основой, в которой формируется нравственность. Немаловажное место в исследовании имеет значение анализа понятия нравственности как формы сознания в обществе и вида регуляции действий человека, являющиеся видом по отношениию рядового понятия «аксиологии». В работе проанализированы важные компоненты обучения: рационализация, модернизация, совершенствование, повышение эффективности, оптимизация, которые предполагают повышение эффективности учебно-воспитательного процесса.

Обобщая, следует отметить, что в процессе нравственного воспитания обучающегося основной задачей педагогов является, прежде всего: передача объекту обучения эстетических знаний, знаний об этических ценностях и нормах, которые на достаточном уровне обобщены и экспериментально подтверждены.

В процессе проведенного нами исследования получены следующие результаты:

- изучено и проанализировано состояние методики ознакомления студентов 1-2-х курсов с научными основами аксиологических и нравственных понятий в преподавании психолого-педагогических и физических дисциплин;
- осуществлен анализ состояния изучения научных основ аксиологических и нравственных понятий в процессе преподавания психолого-педагогических и физических дисциплин;
- проанализированы учебники и учебные пособия по психологии, педагогике и физике, где отражена методика формирования понятия нравственности;
- сформулированы требования к изучению учебных материалов, где вводится понятие нравственности, которое способствует связи теории и практики;
- показано как укладывается понятие в учебный материал нравственности, разработанный учеными-естествоиспытателями периода средневековья, в конце учебного занятия: в каком месте учебного занятия следует выводить экспериментальный учебный материал без нарушения логики изучаемого учебного материала об аксиологии и нравственности, сколько времени следует отвести на их рассмотрение;

- выявлено, что значительная часть материала о нравственности и аксиологии может быть изучена студентами в процессе самостоятельной работы, при подготовке и проведении таких форм учебных занятий, как семинары, экскурсии, выполнении проектов в процессе проведения нестандартных методов обучения, как интерактивные, эвристические, поисковые и др.
- разработаны средства наглядности (плакаты, видеоролики, артистические сцены, где в образах выражают нравственный облик героя) предлагают разрабатывать самостоятельно рассказы, в которых наглядно показывают нравственный облик молодого человека, его мораль и нравственность, организуют различные игры, в которых студенты показывают нравственность и культуру таджикского народа).
- разработаны методические рекомендации по проведению учебных семинаров, экскурсии в учреждения культуры иобразования;
- получено подтверждение эффективности разработанной методики формирования понятия аксиология и нравственность в педагогическом эксперименте.

Обобщая результаты проведенного теоретического и экспериментального исследования, можно сделать следующие выводы:

1. Реализация в практике преподавания культурологического понятия в процессе обучения психолого-педагогического цикла и предмета физики является существенным компонентом формирования аксиологии и нравственных аспектов образования.
2. Несмотря на важность реализации в процессе обучения научных основ нравственности, этим вопросам не уделяется достаточного внимания в процессе обучения психолого-педагогического цикла студентами 1-2 курсов, они не нашли достаточного отражения в учебных пособиях и учебниках указанных дисциплин.
3. Ныне действующая программа о психолого-педагогических дисциплинах создает благоприятные условия для реализации и понятия аксиология и нравственность в обучении.
4. Реализация научных основ понятий аксиология и нравственность, осуществляемая в тесной связи с изучаемым программным материалом, способствует осознанию сущности понятия нравственности и аксиологии.
5. Логика учебного процесса при формировании понятий нравственности не нарушится, расход времени при этом не увеличивается.
6. Для изучения научных основ понятий аксиология и нравственность имеются разнообразные прямые и косвенные пути и средства. Методы обучения их

сочетания остаются такими же, как при изучении психолого-педагогического и физического учебного материала.

7. Самостоятельность студентов в овладении знанием о нравственности и аксиологии упорядочивает мыслительную деятельность студентов, учит выделять существенное, строить свои ответы в краткой форме.
8. Самостоятельность студентов в овладении знаний о нравственности и аксиологии повышается при использовании различных форм и учебных занятий: семинаров, экскурсий, разработках проектов и др.
9. Изучение научных основ понятий нравственности и аксиологии показало, что при этом происходит расширение интеллектуального уровня обучаемых и развитие их мышления.

Проработанные автором методические идеи и рекомендации обсуждались: на различных семинарах и научно-практических конференциях местного, республиканского и международного уровня. Автором были затронуты самые глубокие стороны изучаемой проблемы и предложены конкретные рекомендации в связи с решением данной проблемы. Здесь надо почеркнуть, что изучая наследие ученых-естествоиспытателей средневековья, сталкиваемся с очень интересным подходом к работе. Ученые-естествоиспытатели средневековой Средней Азий, разрабатывая свои научные тракты, никогда не забывали о нравственности, считали её всё-таки краеугольным камнем во всей научной работе. В связи с этим среди таджикского народа бытует мнение, что легко можно стать ученым, а человеком стать очень трудно, порой невозможно. В любом случае нравственность проходит золотой нитью по произведениям ученых-естествоиспытателей средневековой Средней Азии.

Результаты, которые были достигнуты в ходе проведения исследовании, не являются исчерпывающими в отношении полноту решения данной проблемы, но являются определёнными шагами в её педагогическом осмыслении и решении вышеизложенных противоречий.

## СПИСОК ОПУБЛИКОВАННЫХ РАБОТ ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ

### I. Статьи, опубликованные в изданиях, включенных в перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, рекомендуемых ВАК при Президенте Республики Таджикистан:

1. Гулаев И.Х. Вопросы воспитания во взглядах ученых-естествоиспытателей средневековой Центральной Азии [Текст] /А.Э. Сатторов // Вестник Таджикского национального университета. - 2012.- №3/6 (96). - С. 261-263.
2. Гулаев И.Х. Об использовании исторических материалов в процессе воспитания [Текст] /А.Э. Сатторов // Вестник педагогического университета (Республика Таджикистан). - 2012. - №5 (48). - С. 106-108.

3. Гулаев И.Х. О некоторых принципах нравственного воспитания [Текст] /А.Э. Сатторов // Вестник Таджикского национального университета. - 2014. - № 3/1(128). - С. 264-267.
4. Гулаев И.Х. О роли народной педагогики в нравственном воспитании // Вестник Таджикского национального университета. – 2016 - № 3/2 (198). - С. 231-234.
5. Гулаев И. Х. К вопросам нравственного воспитания молодежи [Текст] /А.Э. Сатторов //Вестник Таджикского национального университета.– 2016 - № 3/3 (202). - С.240-242.

**II. в других изданиях:**

6. Гулаев И.Х, Использование исторических сведений в обучении физики 7-8 классов: «Ирфон», КТГУ. - 2000, - №4, - С. 26-27 (тадж. языке).
7. Гулаев И.Х. Использование исторических материалов на нетрадиционных занятиях по физике [Текст] /А.Э. Сатторов // Материалы респ. научно-метод. конф. «Формирование образовательной деятельности студентов в процессе обучения естественно математических дисциплин в школах и вузах» - Душанбе, ТГПУ им. Садриддина Айни. -2012. - С. 92-94.
8. Гулаев И.Х. Воспитательные идеи Закария-ар-Рази и Насриддинаат-Туси [Текст] /А.Э. Сатторов – (Методический пособие). - Душанбе, 2013. - 62 с.
9. Гулаев И. Х. Идеи о нравственном воспитании ученых-естествоиспытателей средневековой Центральной Азии [Текст] /А.Э. Сатторов // Вестник Борисоглебского госпединститута, - БГПИ. -2013, - №1. - С. 128-130.
10. Гулаев И.Х. Вопросы воспитания во взглядах ученых-естествоиспытателей средневековой Центральной Азии [Текст] /А.Э. Сатторов // Материалы республиканской научно-прак. конф. «Проблемы воспитания подрастающего поколения в условиях глобализации». - Душанбе, ТГПУ. - 2013. - С. 113-116.
11. Гулаев И. Х. Использование астролябии АбурайханаБеруни на занятиях по астрономии [Текст] /А.Э. Сатторов //Материалы межд. научно-метод. конф. «Современные проблемы математики и ее преподавания», - Курган-Тюбе, - КТГУ им.Носира Хусрава.- 2013. - С. 432-435.
12. Гулаев И. Х. Народная педагогика о воспитании [Текст] /А.Э. Сатторов // Материалы межд. научно-практ. конф. «Роль народной педагогики в условиях глобализации», - Душанбе, ТГПУ им.Носира Хусрава.- 2013. - С. 54-56.
13. Гулаев И.Х. Педагогические условия и использование исторических материалов в нравственном воспитании студентов физических специальностей [Текст] /Т.А. Шукуров – (Методический пособие) - Курган-Тюбе, Издательство АОЗТ «Нашир». - 2014. – 98 с.

14. Гулаев И.Х. Сборник тестовых заданий по физике [Текст] /Дж.Собиров, Х.Ойматова. // (пособие для абитуриентов). - Курган-Тюбе: «Матбаа», 2014. – 102 с. (на тадж. языке).
15. Гулаев И.Х. Взгляд ал-Фараби на личность учителя [Текст] /А.Э. Сатторов) // Материалы международной научно-теоретической конференции «Развитие исторических и общественных наук в период независимости Таджикистана» - Курган-Тюбе. - 2015 КТГУ им. Носира Хусрава, 2015. – С. 157 – 158.
16. Гулаев И.Х. Взгляд на историю науки физики в годы Советской власти Республики Таджикистан. [Текст] /Дж. Собиров, Х.Ойматова,Э. Алимардонов) // Материалы международной научно-теоретической конференции «Развитие исторических и общественных наук в период независимости Таджикистана» - Курган-Тюбе. //КТГУ им. Носира Хусрава, 2015. – С. 158 - 161.
17. Гулаев И.Х. Внеклассные занятия - фактор повышения знаний учащихся. [Текст] /Х.Рахмонов, С. Холов // «Развитие исторических и общественных наук в период независимости Таджикистана», посвященные 70-летию Победы в Великой Отечественной войне. - Курган-Тюбе. //КТГУ им. Носира Хусрава, - 2015. – С. 290 – 293.
18. Гулаев И.Х. Исторические материалы на уроках по физике [Текст] /А.Э. Сатторов) // Материалы республ. научно-теоретической конференции «Развитие науки и образования в современном мире» - Курган-Тюбе. - КТГУ им. Носира Хусрава, – С. 174-176.
19. Гулаев И. Х. О кредитной системы обучениядля нового поколения по специальности «Физика-информатика» // Материалы республ. научно-теоретической конференции «Современные проблемы обучения математике, физике и информатике в высших и средних школах» - Душанбе, ТГПУ им. С. Айнӣ. 2016. - С. 320-321.
20. Гулаев И.Х. О межпредметной связи физики и математики в организации самостоятельной работы студентов [Текст] /А.Э. Сатторов // Материалы республ. научно-теоретической конференции «Современные вопросы преподавания физики», посвящ. 50-летию кафедры методики преподавания физики, - Душанбе ТНУ. – С. 54-56.
21. Гулаев И.Х. Вопросы обучения во взглядах средневековых ученых Центральной Азии [Текст] /А.Э. Сатторов // Материалы VI международного симпозиума «Симметрии: теоретические и методические аспекты» - Астрахань. - Астраханский госуниверситет (Россия), 2016 г (8-13-сентябрь). – С. 136-140.
22. Гулаев И.Х. О формировани нравственного воспитания будущих учителей физики // Материалы международной конференции «Перспективы

развития физической науки». – Душанбе: ТНУ. – «ЭР-граф», - 2017. - С. 200-204.

23. Гулаев И.Х. Решения физических задач / Э.Алимардонов, Х.Ойматова, М.Тургунбоев. //(Методические указания по решению физических задач в 10 классе). - Курган-Тюбе: «Матбаа», 2017. - 220 стр. (на тадж. языке).
24. Гулаев И.Х. Иннаватсия в кружковых занятиях по физике [Текст] /А.Э. Сатторов // Материалы республ. научно-теоретической конференции «Проблемы использования технологических инновации в преподавании естественно-математических дисциплин», - Душанбе, ТГПУ им. С. Айнӣ. - 2018. - С. 77-80.
25. Гулаев И.Х. «Мировоззренческие взгляды ученых-естествоиспытателей IX-XI веков на преподавание физики» [Текст] /А.Э. Сатторов // Международная научно-практическая конференция «Актуальные проблемы преподавания математических и естественных дисциплин по кредитной системе». - Бохтар, - КТГУ имени Носира Хусрава,- 2018. - С. 305-307.
26. Гулаев И.Х. Использование краеведческих материалов в решении задач по физике [Текст] / М.Бубиев. З.Тогоймуродов // Международная научно-практическая конференция «Использование краеведческих материалов как способ воспитания национальной гордости и любви к родине в процессе исследования и изучении предметов в средних общеобразовательных школах и высших учебных заведениях». – Бохтар -БГУ им. Носира Хусрава. – 2018. –С. 242-244.

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**
**УДК-371.8+001(092)**

**ГУЛАЕВ ИБАДУЛЛА ХОДЖАНАЗАРОВИЧ**

# АСОСҲОИ АКСИОЛОГИИ АҚИДАҲОИ ДИДАКТИКИИ ДОНИШМАНДОНИ ТАБИАТШИНОСИ АСРҲОИ IX-XIII ФОРС-ТОҶИК ДАР ТАЪЛИМИ ДОНИШҶӮЁН

**(дар мисоли ихтисоси физика)**

Ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш
(методикаи таълими физика)

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои педагогика

**Бохтар–2018**

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст

**Роҳбари илмӣ**: **Файзиев Исматулло Давлатович,**
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент

**Мушовири илмӣ**: **Комилӣ Абдулҳай Шарифзода,**
доктори илмҳои физикаю математика, профессор

**Муқарризони расмӣ**: **Қурбонов Баҳром Раҳмонович,**
доктори илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Одинаева Латофат Амиршоевна**
номзади илмҳои педагогӣ, директори коллеҷи информатика ва технологияи информатсионии ш. Душанбе

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳимояи диссертатсия санаи «26» январи соли 2019 соати $10{:}^{00}$ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67 баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии ДДБ ба номи Носири Хусрав ва дар сомонаи www.ktsu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат равона карда шудааст «___» ______________2018с.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Раҷабов Б.Ф.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот**. Рушди соҳаи маориф дар замони муосир беш аз пеш шарти муҳимтарини инкишофи тамаддуни башарӣ мегардад. Дар “Консепсияи инкишофи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2018” дарҷ гардидааст, ки маълумоти таҳсилоти олии касбӣ бояд асоси соҳаи инкишофи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асри XXI гардад. Тамоюли инкишофи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон пешрафти соҳаи маорифро бо назардошти анъанаҳои пешқадами миллӣ ба роҳ мондан зарур аст. Ин бо инкишофи арзишҳои умуми инсонии донишҷӯён, сифатҳои ахлоқи ҳамида ва ҷаҳонбинии онҳо иртиботи ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои мубрами муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳалли вазифаҳои ташаккули ҷаҳонбинии васеи донишҷӯён дар асоси сифатҳои баланди ахлоқӣ дар осори донишмандони энсиклопедисти Осиёи Миёна ба шумор меравад, зеро дар давраи тайёрии касбии хонандагон сатҳу дараҷа салоҳиятнокии шахс ташаккул ёфта, тайёрии ӯ барои ҳалли масъалаҳои пешоянда ҳосил мегардад.

Дар замони муосир, дар баробари дигар масъалаҳои муҳимми ташаккули сифати ахлоқии таълимгирандагон, инчунин инкишофи сатҳи зеҳнию маърифатии таълиму тарбияи насли наврас хеле муҳим аст. Дар ҷараёни таълиму тарбия муайянсозии мазмуну мундариҷаи осори илмии донишмандони табатшиноси форс-тоҷик яке аз масъалаҳои муҳимми омӯзиш ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода нақши муҳим ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва олии касбӣ нигаронида мешавад. Чунин масъалаҳо дар таҳқиқоти Азарова Р. Н., Жаркова Л.С., Иконникова С.Н. ва дигарон қисман дарҷ гардидааст. Қобили тазаккур аст, ки мавзӯи омӯзиш дар ҷараёни донишҳосилкунӣ бояд аз имконияти интихоби озоди тамоюли инсондӯстӣ ва интихоб ба сатҳи зеҳнии шахс вобаста бошад. Зеро салоҳиятнокӣ асоси инкишофи системаи маориф ба шумор меравад, ки омодагии омӯзгорони ояндаро барои ҳалли масъалаҳои муфид андар роҳи таълиму тарбия муайян сохта, истифодаи манбаъҳои дарсӣ ва берун аз синфиро таъмин менамояд.

Дар айни ҳол дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисони дорои ҷаҳонбинии васеъ, ташаббускор, мустақил ва онҳое, ки ҷаҳонбинии худро пайваста васеъ карда метавонанд, заруранд. Дар робита бо ин дар марҳилаи муосири инкишофи маориф дар Тоҷикистон баробари гузариш ба муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ зарурати тайёрии кадрҳои баланд ихтисос дар соҳаҳои гуногуни илму фарҳанг пеш омадааст. Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ дар системаи маориф ва тайёрии мутахассисони баланд ихтисос дар соҳаи методикаи илмҳои табиатшиносӣ талаботи навро роҳандозӣ кардааст. Дар Конститутсия (қонуни асосӣ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии маълумоти олии касбӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони

давлатӣ”, фармоиши Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ “Дар бораи ҷалб кардани хамткунандагони донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба фаъолияти педагогӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Консепсияи миллии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи маълумоти олӣ ва касбии баъдидонишгоҳӣ” ва як қатор ҳуҷҷатҳо ва санадҳои қабулгардида қайд шудааст, ки таълиму тарбияи ҷавонон ва насли наврас самти афзалиятноки стратегияи давлат ба шумор меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми муассисаҳои таълимӣ барои омӯзиши ҳаёту фаъолияти донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик ба монанди Абӯалӣ Сино, Абурайҳон Берунӣ, Умари Хайём ва дигарон диққати махсус равона карда мешавад. Аз ҷумла, ғояҳои таълимию тарбиявӣ ва ахлоқию инсондӯстиро дар осори донишмандони маъруфи фавқуззикр пайдо кардан мумкин аст.

Ин кор амали наҷибона ва анъанаи беҳтарин аст ва чуноне ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунад: “Миллате, ки гузаштаашро ҳифз карда метавонад ва ба мероси гузаштагон эҳтиром мегузорад, ояндаи дурахшон дорад”.

Омӯзиши сарчашмаҳо, таҳлили осори табиатшиносии донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик ва маълумоти бойгонӣ роҷеъ ба ҳифзи анъанаҳои пешқадами миллӣ аз осори маънавии ниёгон ва истифодаи онҳо дар таълими фанни физика яке аз ҷузъҳои ҷудонашавандаи педагогикаи муосир маҳсуб мегардад. Дар марҳилаи муосири илмҳои педагогӣ, махсусан соҳаи методикаи таълим аз тарафи сиёсати давлатӣ дастгирӣ ёфтааст, ки суханони зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон азон шаҳодат медиҳанд: “Давлате, ки мо месозем, албатта, бояд таҷрибаи созандагии кишварҳои мутамаддини ҷаҳонӣ ва меъёрҳои умуми эътирофи демократиро дар бар гирифта, дар баробари ин ба  анъанаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, равоншиносӣ ва арзишҳои ахлоқии ниёгони  гузаштаамон такя кунад”.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми соҳаи маориф, пеш аз ҳама муаллимон ва омӯзгорони муасиссаҳои таҳсилоти олии касбиро водор месозад, ки ба хонандагон ва донишҷӯён дар ҷараёни таълиму тарбия масъулияти баланди эҳтиром ба осори илмию маънавии ниёгонамон ва анъанаҳои пешқадами онҳоро сабақ диҳанд. Таҷрибаи кор бо муассисаҳои таълимии ихтисоси физика нишон медиҳад, ки дар ҷараёни таълиму тарбия истифодаи мазмуни табииёт дошта ва ҷанбаҳои илмию ахлоқии он чандон диққати кофӣ дода намешавад.

Масъалаи ташаккули ахлоқӣ дар асарҳои педагогҳо ва равоншиносони шинохта ба монанди К.Д. Ушинский, А.С.Макаренко, В.А. Сухомлинский, Н.К.

Крупская, С.Л. Рубинштейн, Д.Б. Элконӣ, Д.И. Фелдштейн ва дигарон инъикос ёфтааст.

Ақидаҳои педагогии мутафаккирону донишмандони гузаштаамон аз қабили Абубакри Розӣ, Абӯалӣ Сино, Абурайҳон Берунӣ, Абунасри Форобӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Унсурулмаолии Кайковус, Саъдии Шерозӣ ва дигарон ба мавзӯъҳои илмию ахлоқие равона шудааст, ки натанҳо ба рафтору гуфтор, балки ба ҷаҳонбинии ҷавонону насли наврас таъсири муҳим ва мусбат мерасонад. Донишмандони соҳаи педагогика ва методикаи таълим, аз ҷумла М.Лутфуллоев, И.Х.Каримова, Қ.Б.Қодиров, Ф.Шарифзода, М.Нуъмонов, Т.А.Шукуров, А.П.Паҳлавонов, Х.С.Афзалов, Ҷ.Шарифов, Қ.С.Абдураҳимов, А.Ш.Комилӣ, А.Э.Сатторов, М.С.Шодиев, Х.Ю.Бобоев, И.Д.Файзиев, Л.А.Одинаева ва дигарон тарафдори онанд, ки ҷавонон ва насли наврас дар рӯҳияи инсондӯстӣ, хештаншиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ тарбия карда шаванд.

Дар омӯзишу пажӯҳиши арзишҳои ахлоқӣ муҳаққиқон Г.Н.Волков, А.Нуров, Д.Н.Латипов, Б.Маҷидова, Қ.С.Абдураҳимов, У.С.Умаров ва ғ. Дар таҳқиқоти илмии Б.Г.Ананева, Ю.К.Бабанский, И.А.Зимней, Ф.Ф.Королева, Б.Т.Лихачева, А.С.Макаренко, А.Д.Солдатенкова, Е.В.Бондаревский саҳми арзанда гузоштаанд:

Таҳлили адабиёти хориҷию ватанӣ роҷеъ ба масъалаҳои мактабҳои олӣ дар асри инкишофи босуръати техникаю технологияи навин ошкорсозии зиддияти талаботи нави муассисаҳои таълимиро дар ҷамъият бо инкишофи унсурҳои шахсии донишҷӯ мусоид мекунад. Дар ин самт нақши устод, муаллим, омӯзгор хеле ва хеле муҳим аст.

Мақсади таҳқиқот аз асосноксозии илмии мавзӯъ, коркард ва татбиқи шартҳои ташкилию муфиди арзишҳои ақидаи табиатшиносии донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар системаи маориф иборат мебошад.

**Мавзӯи таҳқиқот**: фаъолияти шахси таълимгиранда дар муассисаҳои маърифатӣ.

**Мазмуни таҳқиқот**: шароитҳои ташкилию педагогӣ аз рӯи натиҷагирии асосҳои аксеологии татбиқи мероси илмии донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар системаи маориф дар замони муосир.

**Фарзияи таҳқиқот** бар он асос ёфтааст, ки системаи тарбияи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нисбатан пурсамартар ва фаъолтар мегардад, агар:

- сохтори босамаратари педагогии комплексӣ бар асоси натиҷагириҳои таълиму тарбияи маърифатии табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил карда шавад;

- омилҳое муқаррар карда шавад, ки барои иҷрои маводи асоси табиатшиносӣ дошта, дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсири мусбат дошта бошад;
- методҳо ва шаклҳои муташаккили таълим барои татбиқи донишҳои илмии табиатшиносӣ дар ҷараёни таълим коркард карда шавад;
- барои таълими донишҷӯён бо мақсади таҳлил ва пешгӯи кардани самаранокии корҳои таълимию тарбиявӣ барои татбиқи маводи таърихӣ бо асосҳои табиатшиносӣ мониторинги системанок ташкил карда шавад;
- барои самаранокии таъсири байнифаннӣ дар ҷараёни таълиму тарбия муҳити таълимию омӯзгории махсус ташкил карда шавад;
- ошносозии таълимгирандагон ба арзишҳои умумиинсонӣ тавассути омӯзиши осори донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик.

**Вазифаҳои таҳқиқот** бо назардошти мақсади гузошташуда ва фарзияи кории пешниҳодгардида батаври зер тасҳеҳ ва муайян карда шудааст:

- омӯзиши ҳолат ва самтҳои асосии донишҳои асоси аксиологи дошта барои татбиқи ақидаи донишмандони табиатшинос дар системаи таълиму тарбияи донишҷӯён дар шароитҳои муосири муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- тавсиф ва муайянсозии сарчашмаҳо ва омилҳои муайянкунандаи ақидаи донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар таълиму тарбия;
- коркарди консепсияи муосири корҳои таълимию тарбиявӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои физика дар муассисаҳои тасилоти олии касбӣ;
- муайян кардани нақш ва мавқеи асосҳои аксиологии ақидаҳои донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар таълим ва тарбия дар системаи тайёрии омӯзгорони оянда;
- муайян кардани шаклҳои самаранок, методҳо ва воситаҳои фаъолсозӣ дар ҷараёни таълиму тарбияи донишҷӯён бо истифодаи ғояҳои донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик;
- санҷиши таҷрибавӣ самаранокии методҳои пешниҳодгардида барои татбиқи ғояҳои донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар ҷараёни таълим.

**Асоси методологии таҳқиқот аз** вазъияти фалсафӣ дар бораи ягонагӣ, таъсири байни фаннӣ ва инкишофи воқеии ҷаҳоншиносӣ, дар бораи шахсият ҳамчун системаи комили ҷисмонию равоншиносӣ, нақши иқтидори имконпазири инсон барои рушди ахлоқи ҳамида ва фаъолияти фардӣ, назарияи инсондӯстии инкишофу ташаккули шахсият; вазъияти илмӣ дар бораи моҳияти рафтори системанок ва истифодаи он дар илму амал (А.Н. Аверьянов, В.Н. Садовская, О.С. Газман, идр.); вазъиятдар системаи таълимию тарбиявии

омӯзиш чӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва чӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (В.А. Караковский, Л.И. Новикова, Н.Л. Савельева, Н.Е. Щурковаидр.); рафтори фаъол (Л.С. Выготский, А.Н. Леонтьев, С.Л. Рубинштейн ва дигарон); рафтори системанок барои таҳлили ақидаҳо ва ғояҳои педагогӣ (В.П. Беспалько, Э.Г. Юдин, И.В. Блауберг, В.В. Краевский, В.А. Сластенин, С.И. Архангельский ва дигарон) иборат аст.

**Дар ҷараёни таҳқиқот методҳои зерин истифода шудаанд:**

- муқоисаи алоқамандии адабиёти фалсафӣ-таърихӣ ва педагогӣ дар осори шарқшиносон, педагогҳо, ки ба масъалаҳои таълиму тарбия бахшид шудаанд;
- арзиёбии рисолаҳои илмию метоӣ дар соҳаи таълиму тарбия аз осори донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик;
- ба системадарорӣ, таҳлил ва умумисозии афкори донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик;
- таҳлили ақидаҳои педагогӣ дар соҳаи маориф ва тавсифи муҳиммияти онҳо дар шароити муосир.

**Манбаъҳои таҳқиқот:**

- истифодаи масъалаҳои мантиқию методологӣ ва умуми назариявии маводи таърихӣ дар ҷараёни таълиму тарбияи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- таҳлили стандарти давлатии маориф, нақшаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳо ва тавсияҳои таълимӣ;
- истифодаи таҷрибаи кории омӯзгорон ва методистони фанни физика, корҳои санҷишӣ ва таҷрибавӣ ва таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ.

Ба сифати муассисаҳои таҷрибавию озмоишӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ истифода шудаанд.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот:**

- солҳои таҳсили 2008/2011. Таҳлили тавсифи ҳолати муосири масъалаҳои таълиму тарбия дар назария ва амалия; ошноӣ бо маводе, ки тасаввуротро дар бораи ҳолати ғояҳои пешқадами таълиму тарбия дар осори донишмандони табиатшиноси асримиёнагнии форс-тоҷик ҳосил карда, дар бораи иқтидори тарбиявӣ ва таъсири он ба донишҷӯён ҳангоми омӯзиш ва таҳлили адабиёти равоншиносию омӯзгорӣ ва илмию фалсафӣ комил мекунанд. Бадин васила аппарати илмии таҳқиқот муайян гардидааст.
- солҳои маҳсили 2012/2014. Сохтор ва мундариҷаи арзишҳо тарбиявӣ таҳқиқ гардида, сатҳи ташаккулёбии дониши донишҷӯёни курсҳои 1,4 ва 5 муайян карда шудааст; алоқамандии байни ғояҳои педагогии муосир дар бораи таълиму тарбия ва ақидаҳои тарбиявии донишмандони

табиатшиноси асримиёнагнии форс-тоҷик муайян карда шудааст; дар натиҷаи омӯзиши хусусиятҳои татбиқи ақидаҳои омӯзгории донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар роҳи тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ нишондиҳандаи сифатҳои ахлоқии донишҷӯён дар ҷараёни таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян гардидааст. Маводи ҳосилшуда имкон медиҳад, ки ҳолатҳои ибтидоии омӯзиш: мавзӯъ, мазмун, масъала, мақсад, вазифа, фарзия ва методи таҳқиқ муайян карда шавад.

- солҳои таҳсили 2015/2018. Ҳолатҳои ҷараёни тарбиявии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли донишҷӯёни ихтисоси физика) ҳангоми таълим муайян шудааст; дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявӣ корҳои кураторони курсҳои 1,4 ва 5 баҳогузорӣ гардида, маълумоти назариявию таҷрибавии маводи таҳқиқшаванда тавсиф гардидааст. Натиҷаҳои дар асоси таҳлил, системасозӣ ва хулосабарорӣ ҳосил шуда матни диссертатсияро ташкил додааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:**

- муайянсозии таъсири мазмуни маводи таълимӣ дар асоси ақидаҳои донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик;
- таъсири татбиқи ҷанбаҳои омӯзиши осори донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик ба сифати таълим ва васеъ кардани ҷаҳонбинию тафаккури илмии таълимгирандагон;
- таъсири мазмуни маводи таълимӣ ба асосҳои табиатшиносӣ, аз ҷумла донишҳои физикӣ барои баланд бардории завқи таълимгирандагон ва ҳамчунин ташаккули сифатҳои ахлоқии онҳо таҳлил гардида, амалан тасдиқ гардидааст;
- коркард ва тасдиқи таҷрибавии таъсири мусбати истифодаи ақидаҳои донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар ҷараёни таълими фанҳои табиатшиносӣ, аз ҷумла методикаи таълими физика;
- таҳлили натиҷаҳои фаъолияти донишҷӯён ҳангоми татбиқи ақидаҳои илмию педагогии донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар ҷараёни таълим ва тарбия.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** бо тавсияҳои мушаххаси методӣ, ки ба самти баланд бардории самаранокии истифодаи маводи таърихӣ аз осори донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар ҷараёни таълими донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавсиф мегардад. Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда бо арзишҳои тамоюли ахлоқии донишҷӯён дар ҷараёни таълиму тарбияи фанҳои тадрисшаванда ва чорабиниҳои нақшавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мустаҳкам ва мувофиқтар карда мешавад. Дар асоси онҳо дастурҳои методӣ таҳия шудаанд, ки дар таҷриба метавонанд

омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, методистон, роҳбарони таҷрибаҳои педагогӣ ва муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода намоянд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот иборат аст.** Ҳолат ва вазъияти ҷараёни таълим ва тарбия дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли ихтисоси физика) дар ҷанбаи масъалаи омӯхташаванда муоина ва таҳлил гардидааст. Ҳамчунин дар он таҳлили ақоиди донишмандони табиатшиноси форс-тоҷик дар асарҳои роҷеъ ба арзишҳои ахлоқии донишҷӯён ҳамчун алтернатива алайҳи таассуби динӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ҷараёни таҳқиқ самаранокии табдилдиҳиҳои ақидаҳои педагогии донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар фаъолияти тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шудааст.

**Саҳҳеҳият ва асоснокии натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои** он рафтори методологиро таъмин менамоянд, ки бар истифодаи технологияи муосир асос, мувофиқи мақсад ва вазифаи таҳқиқ; бунёди таҷрибавӣ ва тавсифи босифати ҷараён ва ҳолатҳои баррасишаванда; таҳлили васею мақсадноки таҷрибаи равоншиносию омӯзгорӣ; татбиқи дастурҳои методии таҳия карда дар таҷрибаи тарбиявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; татбиқи натиҷаҳои тадқиқ гардида боназардошти таъмини омӯзиши манбаъҳои илмӣ ва рафтори симтеманок барои таҳлили масъалаҳои баррасишаванда; муайянсозии принсипҳои назариявию методологии мувофиқ бо мақсаду вазифаи таҳқиқот; санҷиши ҳолатҳои назариявии таҳқиқот дар ҷараёни таълиму тарбия дар муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

**Мазмуни асосӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқии диссертатсия.** Мазмуни асосии таҳқиқот дар мақолаҳо ва дигар интишороти муаллиф дарҷ гардидааст. Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (солҳои 2008-2017); конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию амалӣ ва семинарҳои баргузоршаванда барои омӯзгорон дар шуъбаи вилоятии Институти бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси коргарони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар; дар семинарҳо ва ҷаласаҳои илмии факултетҳои физикаю математикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб б номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ баён гардидааст. Бобҳои алоҳидаи диссертатсия дар шакли дастурҳои методӣ, таълимӣ ва мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ва маҷмӯаҳои илмӣ нашр карда шудааст.

**Бунёди назариявии таҳқиқот** ғоя ва консепсияҳои зерин ба ҳисоб меравад: нақши муносибат дар инкишофи ҷаҳонбини иинсон, таълимот дар

бораи ягонагии тафаккур, дониш ва моҳияти фаъолияти илмию эҷодии инсон (А.Н. Леонтьев, С.Л. Рубинштейн, А.В. Мудрик, Т.И. Шамова, Н.Е. Щурковава дигарон) аҳамияти арзишҳои ошноӣ андар ташаккули шахсият (Я. Корчак, Л.И. Маленкова, В.А. Сухомлинский, М.И. Шилова ва дигарон) идоракунӣ ҳамчун ҷараёни муайянкунандаи самаранокии инкишофи системаи маориф (Д.М. Мехонсева, А.М.Моисеев, К.М. Ушаков ва дигарон).

**Мазмуни асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

Муҳити маърифатӣ имконоти ташкилию педагогиро дар ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои ташкили истифодаи босамари ақидаҳои педагогии донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар рафти тарбияи донишҷӯён молик аст. Шароитҳои педагогии табдилдиҳиҳои ақидаҳои педагогии донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар ҷараёни таълиму тарбия таҳлил ва татбиқ гардидааст, ки на танҳо дар беҳдошти таълим таъсири самаранок мерасонанд, балки дар системаи ҷаҳонбинии таълимгирандагон таъсири мусбат мерасонанд.

Арзишҳои ақидаҳои педагогии донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик ва муҳиммияти он дар фаъолияти таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

Ақидаҳои донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар ҷараёни тарбия ҳамчун омили асосии ташаккули шахсият ба ҳисоб меравад.

Самаранокии муттасили ақидаҳои тарбиявии донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар ҷараёни тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

## СОХТОР ВА ҒОЯҲОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳрасти адабиёт ва замима иборат аст.

**Дар муқаддима** муҳиммияти масъалаҳои таҳқиқшаванда, муайянсозии мавзӯъ, мақсад ва вазифаи таҳқиқот, гипотеза, асосҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯъ ва марому мақсади ҳимояи мавзӯъ асоснок карда шудааст. Ҳамчунин саҳеҳият ва асоснокии натиҷаҳои ҳосилкарда, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия тавсиф гардидааст.

Дар боби аввал “**Қонунмандии омӯзиши самтҳои ҷаҳонбинии ақидаҳои педагогии донишмандони табиатшиноси форс-тоҷик дар асрҳои IX-XIII**” масъалаҳои муҳим ва рӯзмарраи тарбияи насли наврас, ки дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар соли 2007 қабул шудааст, баёнгардида, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин ҳуҷҷати зикршуда барои инкишофи ҳаматарафа ва ташаккули сифати ахлоқии насли наврас ва ҳамчун ин баланд бардории дараҷаи дониши онҳо, мустақилият ва эҳтиром нисбати бузургсолон ҳаматарафа мусоидат мекунад.

Дар боби мазкур ҳолатҳои омӯзиши масъала дар адабиёти илмию педагогӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф муддаӣ бар он нест, ки дар таҳқиқоти ӯ масъалаи таълиму тарбия дар осори донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик ба пуррагӣ ҳаллу фасл шудаанд. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти мазкур танҳо он ҷиҳатҳои масъала мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки дар чаҳорчӯбаи мантиқи маводи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо истифода аз методҳои таълиму тарбия ҷавононро дар рӯҳияи эҳтироми осори ниёгон сабақ омӯхтан мумкин бошад. Ба ин қабил пажӯҳиш таҳқиқоти М.И.Ғиёсиевро зикр кардан мумкин аст, ки дар он табдилдиҳиҳои ақидаҳои мутафаккирони форс-тоҷик дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Р.Камаева инкишофи мктабҳои афкори педагогиро дар Эрон дар асрҳои IX-XII таҳқиқ кардааст. Дар пажӯҳишоти Х.Каримова ташаккули идроки таҳаммулпазирӣ таҳлил шудааст. З.Г.Нуриддинова ақидаҳои педагогии Абурайҳони Беруниро таҳқиқ кардааст. Дар таҳқиқоти Л.Одинаева методикаи истифодаи ақидаҳои илмии донишмандони энсиклопедисти Осиёи Миёна ва Шарқи Наздик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аммо дар таҳқиқотҳои фавқуззикр ҷанбаҳои аксеологии ақидаҳои педагогии донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик ба таври бояду шояд таҳлил нагардидааст. Дар боби мазкур асосан ҳолатҳои масъалаҳои таҳқиқшаванда, аз ҷумла тарбияи ахлоқӣ дар таҷрибаи омӯзгорӣ дар ҷараёни таълим бо истифода аз ақидаҳои табиатшиносии донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик бо мақсади муайянсозии сатҳи дониши донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Инчунин таҳлили натиҷаҳои тасдиқкунандаи таҷриба, ки дониши хонандагонро дар бораи ақидаҳои донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷикро нишон медиҳад, тавсиф гардидааст. Дар таҷрибаи омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ масъалаҳои донишҳои илмию табиӣ ба таври қофӣ баррасӣ намегардад. Сабаби асосӣ, ба назари мо, эътибор надодан ба омӯзиши системаноки ақидаҳои донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик вобаста ба мавзӯъҳои муайян мебошад. Ҳамчунин сабаби камомӯзии мавзӯи мавриди назар ва имконоти нокифоягии омӯзгорон бо истифода аз ақидаҳои донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик дар ҷараёни таълим мебошад.

Дар боби дуюм “**Асосноккунии ақидаҳои ҷаҳонбинии донишмандони табиатшиноси асри IX-XIII форс-тоҷик дар фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**” масъалаҳои муҳимми бисёрҷанбаи ҷараёни педагогӣ дар ташаккули шахсият ва тайёрсозии омӯзгорони оянда баррасӣ гардидааст.

Масъалаи муҳимми тарбияи ахлоқӣ аз он иборат мебошад, ки муносибати таълимгирандагон ба дониш ва меҳнат дар асоси ҳаёту фаъолияти донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик аз қабили Абӯалӣ Сино, Абурайҳон Берунӣ, Абунасри Форобӣ, Абубакри Розӣ, Умари Хайём, Насириддини Тусӣ ва дигарон баррасӣ гардидааст. Мақсади асосии фаъолияти илмии онҳо дарки қонунҳои табиат, фаъолияти самаранок ва манбаи рӯҳбаландию маънии зиндагӣ ба шумор меравад. Ҳамаи донишмандони табиатшинос ва шоирон дар кӯҳансолӣ бо тарбияи насли наврас машғул шуда, дарки дастовардҳои илмӣ ва истифодаи онҳоро дар таҷриба бо мақсади ғанӣ гардонидани тамаддуни маънавии инсон ва имконияти донишҳои табиӣ дар татбиқи сатҳи маънавию ахлоқии таълимгирандагон нишон додаанд, ки ин кор бешубҳа ҷаҳонбинӣ ва доираи дарки дониши илмии шогирдонро зиёд мегардонад.

Барои ҳалли масъалаҳои таълим дар доираи илмҳои педагогию равоншиносӣ ва тарбияи ахлоқӣ бидуни вайрон кардани мантиқи таълим бояд:

- дархости моҳияти инсондӯстии ахлоқ дар ҷараёни таълиму тарбия муҳим бошад;
- дарки воқеияти ҳолатҳои ҳамчун асоси сабабияти фаъолияти педагогӣ бошад;
- асосҳои ахлоқие, ки ба меъёрҳо ва муқаррароти инсондӯстона мувофиқат мекунанд ва асоси маънавиётро ташкил дода, маънои масъалаи татбиқро дар таълими «аксиология ва маънавиёт» зикр мекунанд ба монандӣ:
- шакли махсуси шуури иҷтимоӣ ва навъи муносибатҳои иҷтимоӣ- яке аз тарзҳои танзими фаъолияти субъект дар ҷомеа бо кумаки меъёр. Дар қиёс бо ҳаҷмҳои ягонаи меъёр ва ё меъёрҳои ахлоқӣ тавзеҳро дар шакли идеалҳои некӣ ва бадӣ, адолат ва амсоли инҳо дар назар доранд.
- системаи расму қоидаҳои субъекти таълим, ки бар арзишҳои инсондӯстона, некӣ, адолат, дурустӣ, ҳамдардӣ, ғамшарикӣ, омода будан барои расондани кумак асос ёфтаанд.

Дар таҳқиқот ҳамчунин ақидаҳои аксеологии донишмандоне, ки таълимоти фалсафӣ, маънавӣ, ва арзишҳои ахлоқию равоншиносии фардият ва ҷомеаро дар иртибот бо воқеияти инкишофи таърихӣ маънидод кардаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар педагогикаи муосир ин арзишҳо ҳамчун асосҳои методологие ба шумор меравнд, ки системаи ақидаҳои педагогӣ ва мафҳуму тасдиқи арзишҳои умумиинсониро муайян мекунанд.

Дар таҳқиқот ҷанбаҳои равоншиносию физиологии ахлоқ баррасӣ гардидааст, ки аз маҷмӯи зерин иборат аст:

- ягонагии таркиби равоншиносии шахсият: хусусият, мизоҷ, хулқ, қобилияте, ки аз асосҳои равоншиносӣ иборат аст, пайдоиши масъалаҳои равонӣ, падидаи эҷоди равонӣ. Аммо ҳангоми омӯзиши ҳолатҳои

мушаххас хусусиятҳои фардӣ ва ҳолати равонии шахс баназар гирифта мешавад:

- ба ҷанбаҳои иҷтимо таҷассуми муносибатҳои ҷамъиятӣ, мутааллиқии фардият ба гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, миллӣ ва ғайра шомил аст.
- ҷанбаи биологӣ – ин ошкор намудани фаъолияти олии ҳуҷайра, сохти анализаторҳо, рефлексҳои ғайришартӣ, ғариза, қувваи ҷисмонӣ, сохти бадан, тарҳи чеҳра, ранги пӯст, чашм, қад ва монанди инҳо мебошад. Ҷанбаи биологии рушди субъект асосан тавассути ирсият ва унсурҳои модарзодӣ муайян шудааст, аммо вай метавонад дар зери таъсири шароитҳои буду бош инкишоф ёбад.

Дар боби «Методикаи озмоиши педагогӣ ва натиҷаҳои он» тарзи ташкилу гузаронидан ва натиҷаҳои озмоиши дидактикӣ тасвир ёфта, вазифаҳои озмоиш ва марҳилаҳои гузаронидани он кушода дода мешавад.

Озмоиши муқарраркунанда имкон медиҳад, сатҳи дониши хонандагон дар бораи истифодаи ақидаҳои табиатшиносии донишмандони табиатшиноси асримиёнагии Осиёи Миёна дар амалияи таълим муайян карда шавад.

Дар озмоиши санҷишӣ имконоти дар шароити донишгоҳӣ амалӣ намудани мазмуни маводи таълимӣ аз мероси донишмандони табиатшинос дар чаҳорчӯби таълими ахлоқӣ, ки ба болоравии майлу хоҳиш ва инкишофи тафаккури хонандагон мусоидат мекунад ошкор карда шуд. Ба ин мақсад санҷиши мазмун ва ҳаҷми мавод дар бораи мероси илмии табиатшиносии донишмандони табиатшинос дар асоси принсипҳои дидактикии дастрасӣ, илмият, алоқаи таълим ба ҳаёт ва амсоли инҳо, инчунин санҷиши аввалияи методикаи таҳияшудаи шиносоии донишҷӯён бо мероси илмӣ анҷом дода шуд.

Дар озмоиши таълимӣ дастрасӣ ва самаранокии методикаи таҳияшуда дар ҳаҷми пурра ошкор карда шуд. Дар ин ҷо мавод дар бораи асосҳои илмии дониш, ки сифатҳои ахлоқиро барои ҳамаи давраи таълими донишгоҳии донишҷӯёни факултети физика боз мекунад, мавриди истифода қарор гирифт.

Дар раванди озмоиши назоратӣ муайянкунии сатҳи муташаккили донишҷӯён маҳоратҳои такя кардан ба донишҳо дар бораи моҳияти маънавӣ зимни ифшои мазмуни асосии маводи таълим гузаронида шуд.

Ба унвони асоси меъёри шаклгирифтагии дониш дар бораи маънавиёт сатҳҳое интихоб карда шуда буданд, ки дар асоси истифодаи нақшаи умумӣ барои омӯзиши мафҳумҳои асосӣ маънавиётро муайян мекунанд. Мо чор сатҳро муайян кардем.

Сатҳи якум ба он характернок аст, ки донишҷӯён метавонанд фақат номи мафҳуми маънавиро бе кушода кардани моҳияти он нишон диҳанд.

Сатҳи дуюм ба он характернок аст, ки ҳангоми кушодани моҳияти фаҳмишҳои асосии илмии табиатшиносӣ фақат ба номи донишҳои илмӣ ишора карда мешавад, аммо шарҳи комили асосҳои физикии он дода намешавад.

Сатҳи сеюм ба он характернок аст, ки ҳангоми кушодани моҳияти илмҳои табиатшиносӣ донишҷӯён фақат ба номи донишҳои табиатшиносӣ, соҳаи истифодаи он донишҳо, падидаҳо, қонунҳо, сифоти ҷирмҳо, ки дар асоси онҳо гузошта шудааст ва марҳилаҳои асосии ташаккулёбии онҳо ишора мекунанд.

Сатҳи чорум ба он характернок аст, ки хонандагон ҳангоми кушодани моҳияти донишҳои табиатшиносӣ ҳамаи саволҳои гузоштаро дуруст инъикос мекунанд.

Истифодаи саволҳое, ки талаботи муносибати салоҳиятнокиро нисбат ба таълим қонеъ мекунанд, сатҳи ташаккулёфтагии донишҳоро тавсиф намуда, ба таври назаррас методикаи нисбат додани донишҷӯёнро ба ин ё он сатҳ сода гардонидааст. Барои ин кофист, ҳисоб кунӣ, ки чанд ва чӣ қадар масъалаҳо дар бораи моҳияти донишҳои илмии давраи асримиёнагии Осиёи Миёна кушода шудаанд.

Дар асоси меъёрҳои интихобшудаи сатҳи ташаккулёфтагӣ арзёбии донишҳои миқдории ахлоқӣ ҳамчуни фаҳмиши зотӣ анҷом дода шуданд. Натиҷаи озмоиши назоратӣ доир ба ошкор намудани донишҳои ахлоқӣ дар ҷадвали зер, ки дар рисолаи илмӣ таҳти №16 қарор дорад зикр шудаанд.

| Номи мавзӯъ | Коэффисиенти комёбии азхудкунии дониш | | Коэффисенти самаранокии методи тағйирёбанда |
|---|---|---|---|
| | Озмоишӣ | Назоратӣ | |
| 1. Гидростатика ва гидродинамика | 0,74 | 0,39 | 1,09 |
| 2. Қувва ва вазни ҷисм | 0,58 | 0,37 | 1,56 |
| 3. Механизмҳои сода | 0,75 | 0,40 | 1,87 |
| 4.Паҳншавии ростхаттаи нур | 0,68 | 0,63 | 1,78 |
| 5.Мафҳум роҷеъ ба фулузоти қиматбаҳо | 0,75 | 0,53 | 1,41 |
| Қимати миёнаи арифметикӣ | 0,70 | 0,41 | 1,71 |

Дар бораи таъсири мафҳуми ахлоқӣ, сифати аз худ кардани маводи психологӣ-педагогӣ ва физикиро мо дар асоси ҷавобҳои пурраи хонандагон хулосагирӣ кардем (ҶПД,ҶНД,ҶН,ҶН). Натиҷаҳои яке аз профилҳоро дар ҷадвали зерин, ки дар рисолаи илмӣ таҳти №17 омадааст дар ин ҷо овардем.

| Мавзӯъҳоифасл | | Синфҳои санҷишӣ | | | | Синфҳои назоратӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | % донишҷӯён, дараҷаи мувофиқ | | | | | | | | |
| | | 4 | 3 | 2 | 1 | 4 | 3 | 2 | 1 | $T_{наб}$ |
| 1 | Механика | 54,5 | 34,0 | 2,2 | 9 | 3,1 | 28,1 | 34,1 | 34,3 | |
| 2 | Электрик (электростатика) | 50,0 | 25,0 | 9,0 | 15,9 | 15,6 | 15,6 | 24,9 | 43,3 | |
| 3 | Оптикаи ҳандасӣ | 63,4 | 20,4 | 4,4 | 11,0 | 6,3 | 34,3 | 18,7 | 30,5 | |
| Қимати миёна | | 56,4 | 26,3 | 5,2 | 11,9 | 8,3 | 26,0 | 26,0 | 40,4 | 14,3 |
| - фишанг | | 54,5 | 31,8 | 4,4 | 8,8 | 6,2 | 18,7 | 31,2 | 43,6 | |
| - ғарғара | | 61,9 | 20,4 | 11,4 | 8,3 | - | 34,3 | 34,3 | 31,2 | |
| -ҳамвории моил | | 56,7 | 22,7 | 2,2 | 18 | - | 15,6 | 31,2 | 53,1 | |
| Қимати миёна | | 57,6 | 24,9 | 6,3 | 11,2 | 2,0 | 22,3 | 32,2 | 42,6 | 14,1 |

Барои арзёбии донишҳои миқдорӣ дар бораи ахлоқ ва маҳорати мавриди истифода қарор додани онҳо дар таълими донишҷӯён чун асос барои амалӣ намудани ин равандҳо гузошта шудаанд. Меъёри Пирсон $X^2$ мавриди истифода қарор гирифта буд.

Дар асоси ҷадвалҳои 16-17 муҳосибаи омории меъёри $X^2$ дар асоси формулаи зерин анҷом дода шудааст.(а)

$$T.\,наб. = \frac{1}{n_1 n_2} \sum_{i=1}^{C} \frac{(n_1 Q_{2i} - n_2 Q_{1i})^2}{Q_{2i} - Q_{1i}}$$

Дар ин ҷо C – шумораи дараҷаи озод

$п_1$ ,$п_2$ – ҳаҷми интихоби гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ мебошанд.

Муҳосиба мутобиқ ба формулаи додашуда ба чунин натиҷаҳо оварда мерасонад, барои ҷадвали (16)

$T_{наб}$=14,1 саволи якум $T_{наб}$=29,9

$T_{наб}$=14,3 саволи дуюм $T_{наб}$=25,6

Мутобиқ ба ҷадвали эродҳои критики чор сатҳа моҳияти $v$=0,05, $T_{крит}$=0,35 мебошад. Моҳиятҳои муҳосибашударо муқоиса намуда$T_{наб}$ с $T_{крит}$, ба хулосае меоем, ки аз рӯйи ҳамаи меъёрҳои муҳосибашуда, $T_{наб}$> $T_{крит}$ мебошад.

Ин иқдом асос барои қабули фарзияи алтернативӣ хизмат мекунад, ки меъёрҳои мушоҳидашаванда, дорои фарқияти моҳияти статикӣ мебошанд. Мушаххасан ин чиз маънои онро дорад, ки донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ

донишҳоро дар бораи мафҳумҳои аксиологӣ ва ахлоқӣ, дар муқоиса ба донишҷӯёни гурӯҳҳои назоратӣ, ки донишҳои классикии табиатшиносиро беҳтар тафсир мекунанд, хубтар аз худ кардаанд.

Ба ҷузъ аз ин динамикаи тағйирёбии шавқу ҳаваси донишҷӯён доир ба саволҳои фарҳангшиносӣ, минҷумла ахлоқӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Барои ин кор миқдори саволҳое, ки ба донишҷӯён дар ҷараёни тавзеҳ ва такрори маводи дорои мазмуни психологӣ-педагогӣ ва ҷанбаҳои физикии ахлоқ дошта, дода шуда, дар дарсҳои фанни физика ба қайд гирифта шуданд.

Дар ҷараёни озмоиши педагогӣ дастрасии маводи интихобшуда низ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Барои анҷом додани ин кор методи арзёбии мутахассис истифода карда шуд. Дар арзёбии мутахассис доир ба дастрас будани маводи таълимӣ муаллимони гурӯҳҳои озмоишӣ ширкат варзиданд. Ҳамаи омӯзгорон дар асоси кор бо маводи таълимии пешниҳодшуда роҷеъ ба донишҳои ахлоқӣ дар солҳои таълими 2013-2014 баҳоҳои мусбат доданд: онҳо ин саволҳоро ба таври кофӣ барои донишҷӯён дастрас меҳисобанд.

Нишондиҳандаи ғайримустақими дастрасии маводи пешниҳодшуда арзёбии донишҷӯён мебошад (нигоҳ кунед ҷадвали 19).

| Синфҳо | Семестр | Шаклҳо ва баҳогузорӣ | |
|---|---|---|---|
| | | Донишгоҳи Бохтар | Донишгоҳи Кӯлоб |
| | | 5 4 3 2 | 5 4 3 2 |
| Санҷишӣ | I | - 30 66 4 | 3 45 48 3 |
| | II | - 33 66 - | 3 46 49 - |
| Озмоишӣ | I | 4 41 51 4 | 4 40 55 - |
| | II | 3 45 48 - | 8 44 48 - |

Дар асоси ҷадвали №19 метавон ба хулоса омад, ки дар ҷараёни таҳқиқот методикаи аз тарафи донишҷӯён амалӣ намудани донишҳо, ки таҳия карда шудааст ба ҷанбаҳои равоншиносию-педагогӣ ва физикии арзёбии умумии хонандагон таъсири мусбат мерасонад.

Дар давраи гузаронидани озмоиши педагогӣ сатҳи шавқу ҳаваси донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ барои мушаххас кардани муносибати донишҷӯён ба масъалаҳои дар таълим татбиқ намудани меъёрҳои аксиологӣ ва ахлоқӣ ошкор карда шуданд.

Арзёбии донишҷӯён дар ташаккули мафҳумҳои ахлоқии гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ (бо 83% аз теъдоди умумии донишҷӯён).

Натиҷаи таҳлили ҷавобҳо имкон медиҳад ба хулосае биоёем, ки майлу ҳаваси донишҷӯён нисбат ба ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ дар муқоиса ба гурӯҳҳои назоратӣ баландтар мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишии гузаронидашударо ҷамъбаст намуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Шиносонидани донишҷӯён ба ҷанбаҳои равоншиносию педагогӣ ва физикии ахлоқ ҷузъи зарурии компоненти мазмуни таълими равоншиносию педагогӣ мебошад.
2. Сарфи назар аз муҳиммияти шиносонидани донишҷӯён ба асосҳои илмии ахлоқӣ, ба ин масъалаҳо диққати бояду шояд дода намешавад, дар раванди таълим дар дастурҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии курсҳои якум доир ба фанҳои гуманитарӣ онҳо инъикоси кофӣ наёфтаанд.
3. Дар ҳоли ҳозир дар барномаҳое, ки бо супориши ҳукумат таҳия карда шуда истодаанд диққати кофӣ ба масъалаи донишҳо дар бораи ахлоқ зимни таълим зоҳир карда мешавад.
4. Мантиқи фанни таълимӣ ҳангоми шиносонидан бо аксиология ва ахлоқ халалдор нашуда, вақт низ зиёд сарф нахоҳад шуд.
5. Барои шиносонидан ба мафҳумҳои ахлоқ роҳҳо ва воситаҳи гуногуни мустақим ва ғайримустақим мавриди истифода қарор мегиранд.Технологияи таълим ва якҷоякунии он ҳамон хел боқӣ мемонад, ба монанде, ки зимни омӯзиши маводи равоншиносию педагогӣ ва физикӣ мавриди истифода қарор дода мешуд. Ҳамаи инҳо зимни таълиму тадрис мушкилӣ эҷод намекунанд.
6. Мустақилияти донишҷӯён ҷиҳати аз худ кардани донишҳо дар бораи ахлоқ ба ҷузъ аз дарсҳои маърӯзавӣ боз дар конференсияҳо, семинарҳо ва шаклҳои ғайримаъмулии машғулиятҳои дарсӣ (интерактивӣ ва ғайраҳо) мавриди истифода қарор мегиранд.
7. Омӯзиши асосҳои ахлоқӣ нишон медиҳанд, ки ҳангоми амалӣ намудани ин мафҳум ҷаҳонбинӣ ва сатҳи баланди ахлоқии хонандагонвасеъ мешавад.
8. Шиносонидани хонандагон бо асосҳои донишҳои ахлоқӣ ба баланд бардоштани шавқу ҳаваси донишҷӯён нисбат ба расму оини наслҳои гузашта мусоидат мекунад.

Ақидаҳои ҷаҳонбинии донишмадони-табиатшиноси асримиёнагии Осиёи Миёна барои тарбияи насли наврас дар чунин сатҳи фарҳанги миллӣ нисбатан муҳим мебошанд, ки бо вижагиҳои суннатии худ фарқ мекунанд. Арзиши ахлоқӣ ва тамоюли онҳо, ки аз меҳнатдӯстӣ, солим будан, корчалонӣ, пок будан, ҳисси масъулият, таҳаммулгароӣ, ки арзишманд мебошанд, иборат буда, бояд ҳатман дар ҷараёни таълми фанҳои гуманитарӣ ва табиатшиносӣ дар системаи маориф амалӣ карда шаванд. Дар таҳқиқот зимни муайян кардани

ақидаҳои ҷаҳонбинӣ ба ташаккули мафҳуми «ахлоқ» диққати муҳим дода мешавад.

Калимаи «mor» аз забони лотинӣ гирифта шуда, дар рӯси маънои «нрав», яъне «ахлоқ»-ро медиҳад. Мурадифи калимаи «mor»-и лотинӣ «moris» мебошад, ки ба ахлоқ ва маънавиёт тааллуқ дошта, ҳанӯз аз замонҳои қадим, асрҳои миёна ва муосир мавриди таҳлил қарор мегирифт. Дар давраи асрҳои миёна ташаккули ахлоқ ва сифатҳои инсонпарварона аз муносибати волидайн, фаъолияти якҷоя дар ҷараёни муошират, анъанаҳои оилавӣ, ки асосу поя буда, дар онҳо ахлоқ ташаккул меёфт бар меомад. Дар таҳқиқот ҷойи на камтар муҳимро моҳияти таҳлили мафҳуми ахлоқӣ ишғол мекунад, ки ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ ва навъи танзими фаъолияти инсон, нисбат ба мафҳуми қатории «аксиология» маҳсуб мешавад. Мафҳумҳое, ки бар таълимоти фалсафӣ, маданӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, арзишҳои равоншиносии шахсият бо ҷаҳони воқеӣ ва таносуби онҳо бо ҷаҳонӣ воқеӣ, тағйирёбии асосҳои арзишию меъёрии инкишофи таърихӣ, ки зимни ташаккулёбии «ахлоқӣ» ҳаста маҳсуб мешуданд, дар асоси истифодаи методҳо ва шаклҳои ташкили машғулиятҳои дарсӣ, бояд дар амалияи таълиму тадрис татбиқ шаванд. Дар кор ҷузъҳои муҳимми таълим: ратсионализм (оқилона), модернизатсия(навсозӣ), такомул, баланд бардоштани самаранокии оптимизатсия, ки баландбардории самаранокии раванди таълимӣ-тарбиявиро дар назар дорад, мавриди таҳлил қарор гирифтанд.

Хулосагирӣ карда, бояд қайд кунем, ки дар ҷараёни тарбияи ахлоқии хонандагон вазифаи асосии муаллим қабл аз ҳама инҳо мебошанд: ба объекти таълим додани донишҳои зебоипарастӣ, донишҳо дар бораи арзишҳои этикӣ ва меъёрҳое, ки дар сатҳи кофӣ натиҷагирӣ карда шуда ва тавассути озмоиш тасдиқ карда шуданд.

Дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот мо натиҷаҳои зеринро ба даст овардем:

- вазъияти методикаи шиносонидани донишҷӯёни курсҳои 1-2 бо бо асосҳои илмии аксиологӣ ва мафҳумҳои ахлоқӣ дар таълими фанҳои равоншиносӣ-педагогӣ ва физикӣ омӯхта ва таҳлил карда шуданд;
- таҳлили вазъияти асосҳои илмии аксиологӣ ва мафҳумҳои ахлоқӣ дар раванди таълими фанҳои равоншиносӣ-педагогӣ ва физикӣанҷом дода шуд;
- китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва дастурҳои таълимӣ доир ба фаннҳои психология, педагогика ва физика, ки дар он онҳо методикаи ташаккули мафҳуми ахлоқӣ инъикос ёфтааст таҳлил карда шуданд;

- талаботҳо доир ба омӯзиши маводи таълимӣ, ки дар онҳо мафҳуми ахлоқ ворид карда шудааст ва ҷиҳати алоқаи назария бо амалия мусоидат мекунад, таҳия ва шакл дода шудаанд;
- нишон дода шудааст, ки чӣ тавр мафҳум дар маводи таълимии ахлоқии аз тарафи донишмандони табиатшиноси асримиёнагӣ таҳия карда шуда, ҷойгузин карда шудааст. Дар поёни машғулияти дарсӣ: дар кадом ҷойи машғулияти дарсӣ маводи озмоишии дарсиро бидуни халалдор кардани мантиқи маводи таълимии омӯхташаванда дар бораи аксиология ва ахлоқ ҷо дода, чӣ қадар вақт барои баррасии он ҷудо кардан мумкин аст.
- ошкор карда шуд, ки қисмати бештари мавод дар бораи ахлоқ ва аксиология метавонад аз тарафи донишҷӯён дар ҷараёни кори мустақилона омӯхта шавад, зимни омодагӣ ва гузаронидани чунин шаклҳои машғулият ба монанди семинар, экскурсия, иҷрои тарҳҳо дар ҷараёни гузаронидани методҳои ғайристандартии таълим, чун интерактивӣ (саволу ҷавоб), эвристикӣ (пайдо кардан), ҷустуҷӯйӣ ва амсоли инҳо.
- воситаҳои аёният таҳия карда шудаанд (плакатҳо, видеороликҳо, саҳнаҳои ҳунарӣ, ки дар образҳо симои ахлоқии қаҳрамон инъикос ёфтааст), мустақилона таҳия кардани ҳикоя, ки дар он ба таври аёнӣ симои ахлоқии шахси ҷавон, ахлоқ ва одоби ӯ нишон дода шуда, бозиҳои гуногун ташкил карда мешавад, ки дар онҳо донишҷӯён ахлоқ ва маданияти халқи тоҷикро дар маърази намоиш қарор медиҳанд).
- тавсияҳои методӣ доир ба гузаронидани семинарҳои таълимӣ, экскурсияҳодар муассисаҳои фарҳанг ва маориф таҳия карда шуданд;
- тасдиқнома дар бораи самаранокии методикаҳои таҳиякардашудаи ташаккули мафҳуми аксиология ва ахлоқ дар озмоишҳои педагогӣ ба даст оварда шуд;

Натиҷаи таҳқиқотҳои назариявӣ ва озмоиширо ҷамъбаст намуда, мо ба хулосаҳои зерин расидем:

1. Дар амал татбиқ намудани таълими мафҳуми фарҳангшиносӣ дар ҷараёни таълими сикли фанҳои равоншиносию педагогӣ ва фанни физика компоненти назарраси ташаккули ҷанбаҳои аксиологӣ ва ахлоқии таълим мебошанд.
2. Сарфи назар аз муҳиммияти татбиқи асосҳои илмии ахлоқдар ҷараёни таълим ба ин масъала дар ҷараёни таълими сикли фанҳои равоншиносию педагогии курсҳои 1-2 ба таври кофӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда намешавад ва онҳо дар китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ ба таври кофӣ инъикоси худро наёфтаанд.

3. Барномаи дар ҳоли ҳозир амалкунанда дар бораи фанҳои равоншиносию педагогӣ шароитҳои муносиб барои татбиқи мафҳумҳои аксиология ва ахлоқ дар таълим бунёд намудааст.
4. Татбиқи асосҳои дониши аксиологӣ ва ахлоқ амалишаванда дар алоқаи зич бо маводи барномаҳои таълимӣ ба дарки моҳияти мафҳуми ахлоқ ва аксиология мусоидат менамояд.
5. Мантиқи ҷараёни таълим зимни ташаккули мафҳуми ахлоқ халалдор нашуда ва вақти зиёд низ сарф нахоҳад шуд.
6. Барои омӯхтани асосҳои илмии мафҳумҳои аксиология ва ахлоқ усулҳои гуногун ва роҳҳои мустақим ва ғайримустақим мавҷуд мебошанд. Методҳои таълим ва якҷояшавии онҳо ҳамон хел боқӣ мемонад, ба мисли омӯзиши маводи таълимии фанҳои равоншиносию педагогӣ ва физикӣ.
7. Аз тарафи донишҷӯён мустақилона аз худ кардани донишҳо дар бораи ахлоқ ва аксиология фаъолияти фикрии донишҷуёнро ба тартиб дароварда, ёд медиҳад, ки асосиро аз ғайриасосӣ ҷудо карда, ҷавобҳои худро дар шакли кӯтоҳ баён кунанд.
8. Мустақилияти донишҷӯён бобати аз худ кардани донишҳо дар бораи ахлоқ зимни истифодаи шаклҳои гуногун ва машғулиятҳои дарсӣ:семинарҳо, экскурсияҳо, таҳияи тарҳҳо ва амсоли инҳо меафзояд.
9. Омӯзиши асосҳои илмии мафҳумҳои ахлоқ ва аксиология нишон дод, ки дар айни ҳол васеъ шудани сатҳи интеллектуалии таълимгирандагон ва инкишофи тафаккури онҳо ба амал мепайвандад.
10. Натиҷаҳои таҳқиқот ба ҳеҷ ваҷҳ ҳалли ниҳоии масъалаи мазкурро дар бар намегирад, аммо қадами мушаххас ва устуворе дар роҳи дарки педагогии мақсаду вазифаҳои баён гардида ба шумор меравад.

Ғояҳои методӣ ва тавсияҳои муаллиф дар семинарҳои гуногуни илмӣ, конференсияҳои илмию амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муҳокима гардида, дастгирӣ ёфтаанд.

Муаллиф ҷанбаҳои гуногуни масъалаи таҳқиқшавандаро баррасӣ намуда, барои ҳалли онҳо тавсияҳои мушаххас пешниҳод кардааст. Дар ин ҷо бояд гуфт, ки дар ҷараёни омӯзиши осори донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик ба муносибатҳои аҷиби ҳалли масъала дучор меоем. Донишмандони табиатшиноси асримиёнагии Осиёи Миёна ҳангоми таълифи рисолаҳои илмии худ ҳеч гоҳ масъалаи ахлоқ, ки масъалаи маркази корҳои илмиашон ба шумор мерафт, фаромӯш накардаанд. Бинобар ин дар миёни тоҷикон зарбулмасале ҳаст, ки “олим шудан осону одам шудан душвор”. Дар ҳама ҳолат масъалаи ахлоқ дар осори донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷик, гуфтан мумкин аст, бо хатти тиллоӣ сабт гардидааст.

**Мундариҷаи асосии кори диссертатсионӣ дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтаанд:**

**I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВАК-и Федератсияи Русия**


1. Гулаев И.Х. Вопросы воспитания во взглядах ученых-естествоиспытателей средневековой Центральной Азии [Текст] /А.Э. Сатторов // Вестник Таджикского национального университета. - 2012.- №3/6 (96). - С. 261-263.
2. Гулаев И.Х. Об использовании исторических материалов в процессе воспитания [Текст] /А.Э. Сатторов // Вестник педагогического университета (Республика Таджикистан). - 2012. - №5 (48). - С. 106-108.
3. Гулаев И.Х. О некоторых принципах нравственного воспитания [Текст] /А.Э. Сатторов // Вестник Таджикского национального университета. -2014. - № 3/1(128). - С. 264-267.
4. Гулаев И.Х. О роли народной педагогики в нравственном воспитании // Вестник Таджикского национального университета. – 2016 - № 3/2 (198). - С. 231-234.
5. Гулаев И. Х. К вопросам нравственного воспитания молодежи [Текст] /А.Э. Сатторов //Вестник Таджикского национального университета.– 2016 - № 3/3 (202). - С.240-242.


**II. Мақолаҳо дар нашриёҳои дигари чопшуда**


6. Гулаев И.Х, Использование исторических сведений в обучении физики 7-8 классов: «Ирфон», КТГУ. - 2000, - №4, - С. 26-27 (тадж. языке).
7. Гулаев И.Х. Использование исторических материалов на нетрадиционных занятиях по физике [Текст] /А.Э. Сатторов // Материалы респ. научно-метод. конф. «Формирование образовательной деятельности студентов в процессе обучения естественно математических дисциплин в школах и вузах» - Душанбе, ТГПУ им. Садриддина Айни. -2012. - С. 92-94.
8. Гулаев И.Х. Воспитательные идеи Закария-ар-Рази и Насриддинаат-Туси [Текст] /А.Э. Сатторов – (Методический пособие). - Душанбе, 2013. - 62 с.
9. Гулаев И. Х. Идеи о нравственном воспитании ученых-естествоиспытателей средневековой Центральной Азии [Текст] /А.Э. Сатторов // Вестник Борисоглебского госпединститута, - БГПИ. -2013, - №1. - С. 128-130.
10. Гулаев И.Х. Вопросы воспитания во взглядах ученых-естествоиспытателей средневековой Центральной Азии [Текст] /А.Э. Сатторов // Материалы республиканской научно-прак. конф.

«Проблемы воспитания подрастающего поколения в условиях глобализации». - Душанбе, ТГПУ. - 2013. - С. 113-116.

11. Гулаев И. Х. Использование астролябии АбурайханаБеруни на занятиях по астрономии [Текст] /А.Э. Сатторов //Материалы межд. научно-метод. конф. «Современные проблемы математики и ее преподавания», - Курган-Тюбе, - КТГУ им.Носира Хусрава.- 2013. - С. 432-435.
12. Гулаев И. Х. Народная педагогика о воспитании [Текст] /А.Э. Сатторов // Материалы межд. научно-практ. конф. «Роль народной педагогики в условиях глобализации», - Душанбе, ТГПУ им.Носира Хусрава.- 2013. - С. 54-56.
13. Гулаев И.Х. Педагогические условия и использование исторических материалов в нравственном воспитании студентов физических специальностей [Текст] /Т.А. Шукуров – (Методический пособие) - Курган-Тюбе, Издательство АОЗТ «Нашир». - 2014. – 98 с.
14. Гулаев И.Х. Сборник тестовых заданий по физике [Текст] /Дж.Собиров, Х.Ойматова. // (пособие для абитуриентов). - Курган-Тюбе: «Матбаа», 2014. – 102 с. (на тадж. языке).
15. Гулаев И.Х. Взгляд ал-Фараби на личность учителя [Текст] /А.Э. Сатторов) // Материалы международной научно-теоретической конференции «Развитие исторических и общественных наук в период независимости Таджикистана» - Курган-Тюбе. - 2015 КТГУ им. Носира Хусрава, 2015. – С. 157 – 158.
16. Гулаев И.Х. Взгляд на историю науки физики в годы Советской власти Республики Таджикистан. [Текст] /Дж. Собиров, Х.Ойматова,Э. Алимардонов) // Материалы международной научно-теоретической конференции «Развитие исторических и общественных наук в период независимости Таджикистана» - Курган-Тюбе. //КТГУ им. Носира Хусрава, 2015. – С. 158 - 161.
17. Гулаев И.Х. Внеклассные занятия - фактор повышения знаний учащихся. [Текст] /Х.Рахмонов, С. Холов // «Развитие исторических и общественных наук в период независимости Таджикистана», посвященные 70-летию Победы в Великой Отечественной войне. - Курган-Тюбе. //КТГУ им. Носира Хусрава, - 2015. – С. 290 – 293.
18. Гулаев И.Х. Исторические материалы на уроках по физике [Текст] /А.Э. Сатторов) // Материалы республ. научно-теоретической конференции «Развитие науки и образования в современном мире» - Курган-Тюбе. - КТГУ им. Носира Хусрава, – С. 174-176.
19. Гулаев И. Х. О кредитной системы обучениядля нового поколения по специальности «Физика-информатика» // Материалы республ. научно-

теоретической конференции «Современные проблемы обучения математике, физике и информатике в высших и средних школах» - Душанбе, ТГПУ им. С. Айнӣ. 2016. - С. 320-321.

20. Гулаев И.Х. О межпредметной связи физики и математики в организации самостоятельной работы студентов [Текст] /А.Э. Сатторов // Материалы республ. научно-теоретической конференции «Современные вопросы преподавания физики», посвящ. 50-летию кафедры методики преподавания физики, - Душанбе ТНУ. – С. 54-56.
21. Гулаев И.Х. Вопросы обучения во взглядах средневековых ученых Центральной Азии [Текст] /А.Э. Сатторов // Материалы VI международного симпозиума «Симметрии: теоретические и методические аспекты» - Астрахань. - Астраханский госуниверситет (Россия), 2016 г (8-13-сентябрь). – С. 136-140.
22. Гулаев И.Х. О формировани нравственного воспитания будущих учителей физики // Материалы международной конференции «Перспективы развития физической науки». – Душанбе: ТНУ. – «ЭР-граф», - 2017. - С. 200-204.
23. Гулаев И.Х. Решения физических задач / Э.Алимардонов, Х.Ойматова, М.Тургунбоев. //(Методические указания по решению физических задач в 10 классе). - Курган-Тюбе: «Матбаа», 2017. - 220 стр. (на тадж. языке).
24. Гулаев И.Х. Иннаватсия в кружковых занятиях по физике [Текст] /А.Э. Сатторов // Материалы республ. научно-теоретической конференции «Проблемы использования технологических инновации в преподавании естественно-математических дисциплин», - Душанбе, ТГПУ им. С. Айнӣ. - 2018. - С. 77-80.
25. Гулаев И.Х. «Мировоззренческие взгляды ученых-естествоиспытателей IX-XI веков на преподавание физики» [Текст] /А.Э. Сатторов // Международная научно-практическая конференция «Актуальные проблемы преподавания математических и естественных дисциплин по кредитной системе». - Бохтар, - КТГУ имени Носира Хусрава,- 2018. - С. 305-307.
26. Гулаев И.Х. Использование краеведческих материалов в решении задач по физике [Текст] / М.Бубиев. З.Тогоймуродов // Международная научно-практическая конференция «Использование краеведческих материалов как способ воспитания национальной гордости и любви к родине в процессе исследования и изучении предметов в средних общеобразовательных школах и высших учебных заведениях». – Бохтар -БГУ им. Носира Хусрава. – 2018. –С. 242-244.

# ШАРҲИ МУХТАСАРИ

диссертатсияи Гулаев Ибадулла Ходжаназарович дар мавзӯи «Асосҳои аксиологии ақидаҳои дидактикии донишмандони табиатшиноси асрҳои IX-XIII форс-тоҷик дар таълими донишҷӯён (дар мисоли ихтисоси физика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълими физика)

Дар ҳоли ҳозир масъалаи ташаккули сифатҳои ахлоқии таълимгирандагон, ки сатҳи инкишофи интеллектуалиро дар системаи таълиму тарбия муайян мекунад мубрам мегардад. Дар ин таҳқиқот ақидаҳои аксиологии донишмандони табиатшиноси асримиёнагии Осиёи Миёнаи форс-тоҷик дар бораи арзишҳои моддӣ, маданӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва равоншиносии шахсият, коллектив, ҷомеа дар раванди инкишофи таърихӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия асоси илмии корҳои таҳия карда шуда ва татбиқи маҷмӯи шароитҳои ташкилию самаранок доир ба андешаҳои табиатшиносии донишмандони табиташиноси асримиёнагӣ дар системаи таълим дода мешавад.

Аз тарафи муаллиф таъсири мазмуни маводи таълимии асосёфта бар донишҳои табиатшиносии донишмандони табиатшиноси асримиёнагии форс-тоҷики Осиёи Миёна ошкор карда шудааст. Ба ҷузъ аз ин таҳия карда шуда ва ба таври озмоишӣ таъсири маводи таълимии мазмуни табиатшиносӣ, минҷумла донишҳои физикидошта, ки шавқу ҳавасро зиёд карда, сифатҳои ахлоқиро ташаккул медиҳанд, тасдиқ карда шудааст.

Таъсири мусбати истифодаи ақидаҳои табиатшиносии олимони форс-тоҷик дар таълими фанҳои табиатшиносӣ аз он ҷумла методикаи таълими физика ба таври озмоишӣ тасдиқ карда шудааст.Таҳлили натиҷаҳои фаъолияти донишҷӯён доир ба таъсири ақидаҳои донишмандони табиатшинос ба сифати донишҳо дар ҷараёни таълиму тарбия анҷом дода шудааст.

Дар давраи озмоиши педагогӣ сатҳи шавқу ҳаваси донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣбарои муайян кардани муносибати донишҷӯён нисбат ба масъалаи дар раванди таълим амалӣ намудани меъёрҳои аксиологӣ ва ахлоқӣ муайян карда шудааст.Таҳқиқот муайян кардааст, ки дар амалияи таҷрибаи таълимӣ татбиқ намудани мафҳуми фарҳангшиносӣ дар ҷараёни таълиму тарбияи фанҳои сикли равоншиносию педагогӣ ва фанни физика компоненти назараси ташаккули аксиология ва ҷанбаҳои ахлоқии таълим мебошад.

# РЕЗЮМЕ

диссертации Гуляева Ибадулла Ходжаназаровича на тему «Аксиологические основы дадактических воззрений таджикско-персидских ученых-естествоиспытателей IX-XIII веков в обучении студентов» (на примере специальности физика)» на соискание учёной степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.02 – теория и методика обучения и воспитания (физика) (педагогические науки)

В настоящее время становится актуальным формирование нравственных качеств обучающихся, которое определяет развитие интеллектуального уровняв системе образования и воспитания. В исследовании рассматриваются аксиологические воззрения ученых о материальных, культурных, духовных, нравственных и психологических ценностях личности, коллектива, общества в процессе исторического развития.

В диссертационной работе дается научное обоснование, разработки и реализации комплекса организационно-эффективных условий по ценностному обоснованию естественнонаучных взглядов средневековыхученых-естествоиспытателей в системе образования.

Автором выявлено влияние содержания учебного материала, основанного на естественнонаучных знаниях таджикско-персидски с х ученых средневековой Средней Азии. Кроме того разработано и экспериментально подтверждено влияние содержания учебных материалов с естественнонаучными основами, в частности физических знаний, повышающий интерес и формирующий нравственное качество. Экспериментально подверждено положительное влияние использования воззрения таджикско-персидских ученых-естествоиспытателей в преподавании естественнонаучных дисциплин, в частности методики преподавания физики. Осуществлен анализ результатов деятельности студентов по реализации воззренийученых-естествоиспытателей на качество знаний и в учебно-воспитательном процессе.

В период педагогического эксперимента был выявлен уровень интереса студентов экспериментальных групп для выяснения отношений студентов к вопросам внедрения в обучение аксиологических и нравственных норм. Исследованием установлено, что реализации в практике преподавания культурологического понятия в процессе обучения психолого-педагогического цикла и предмета физики является существенным компонентов формирования аксиологии и нравственных аспектов обраования.

## ANNOTATION

on dissertation work of Gulaev Ibadulla Khojanazarovich on theme "Axiological bases of didactic opinions of Tajik – Persion scientists - naturalists of IX- XI century es in students teaching" (on the example of physies speciali ty) submitted for defending on competi tion scientific degree candidate of pedagogical science on speciality 13.00.02 – Theory and methods of teaching and education (physics)

In present day it is qetting actual to form moral gualities of the students, which difine the development of ibtellectual leve l in the system of education. In this research it is consider axiological viens of the scientists about material, cultural, spiritual, moral and psychological values of personalities, collective, society in the process of historical development.

This dissertation gives scienti fic grounding, working and realijation of the organizational and effective conditions complex on valnable foundation of natural scientific viens of medieval scientists - naturalists in the system of education.

The anthor identified the impact of training material content based on natural scientific knowledge of the Persian- Tajik scientists of medieval Central Asia.

Besides it is developed and experimentally proved the impact of training material content with natural scientific bases, particularly knowledge of physics which increase interest and form moral guality. It is experimentally proved the positive impact of opinions using of the Persian- Tajik scientists - naturalists in teaching of natural scientific subjects, particularly the methods of physics teaching. It is carried out an analysis of the results of students activity on opinions realijation of scilijation of scientists - naturalists on knowledge gualiry and in educational process.

In the period of pedagogical experiment it was found out the interest level of the students from experimental grours in order to clear the students relations to the gnestions of introduction in teaching of axiological and moral norms. The research established that realization in practice of cultrological conception teaching in the process of psychological and pedagogical course teaching and the subject of physics is an essential component to form axio logy and moral aspects of the education.